«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
____________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«___» ____________ 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокӣ байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барон дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднокӣ байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маданӣ бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам, ҳалношуда ва муосири илми ҳуқуқи маданӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Яке аз ҳадафҳои стратегии давлат – ҳифзи амнияти озуқаворӣ мебошад ва барои расидан ба ин ҳадаф воситаҳои гуногун вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо инкишофу вусъат додани соҳаи кишоварзӣ, махсусан соҳаи чорводорӣ, вобастагии зиёд дорад. Чунки, яке аз воситаҳои таъмини аҳоли бо маводи хурокворӣ, рӯшди соҳаи чорводорӣ мебошад, ки онро бе хизматрасонии байторӣ амали намудан ғайриимкон аст. Самаранокии хизматрасонии байторӣ дар коҳиш ёфтани беморӣ ва фавти ҳайвонот, афзоиши маҳсулнокии онҳо, кам шудани давраи беморӣ, беҳтар шудани

сифати маҳсулот ва ашёи хоми маҳсулоти ҳайвонот зоҳир мешавад. Дастрас будани хизматрасонии байтории босифат яке аз эҳтиёҷоти зарурии чорводорон дар замони муосир мебошад ва ин масъала мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи давлат ва Ҳукумати ҶТ қарор дошта, тамоми чораҳо андешида мешавад.

Яке аз роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар соҳаи хизматрасонии байторӣ ин танзими ҳуқуқии ҳамаҷонибаи он буда метавонад. Танзими ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ тибқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмол-кунандагон», «Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 тасдиқ шудааст ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Аммо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии болозикр ҳамаи мушкилоти танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байториро ҳал намекунанд.

Аз ин рӯ, ба довталаб муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаи танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байториро мавриди коркард, омӯзиш ва баҳс қарор дода, онро дар заминаи адабиётҳои илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ таҳлил намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба инкишофи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизматрасонии байторӣ саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд, чунончӣ:

1. Бори нахуст дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ мафҳуми хизматрасонии байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ ва ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки мафҳуми онро аз нигоҳи худ баён намояд;

2. Дар таҳқиқоти манзургардида асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла дунёи қадим, замони зардуштӣ, замони ислом, замони шӯравӣ ва дар замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

3. Мафҳум, табиати ҳуқуқи ва унсурҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мавриди таҳлилу барраси қарор гирифтааст;

4. Барои ҳамаҷониба таҳқиқ намудани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мазмун, асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор намудани ин шартнома ошкор карда шуда, андешаи муайян баён карда шудааст;

5. Дар диссертатсияи мазкур мафҳум, асосҳо ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар ин шартнома муайян карда шудааст;

6. Барои рушд ва такмили қонунгузории соҳавии байторӣ пешниҳод ва тавсияҳои назариявию амалӣ манзур карда шудаанд.

Довталаб дар таҳқиқот мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи хизматрасонии байторӣ таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои амалиро оид ба тартиби бастан, тартиби тағйир додан ва бекор намудани шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ, ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои ин шартнома барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқи маданӣ пешниҳод менамояд. Андешаи мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии хизматрасонии музднoки байторӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии хизматрасонии байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад.

Муаллиф қайд менамояд, ки аз мафҳуми «байторӣ», ки дар м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» дода шудааст, бармеояд ки қонун истилоҳи «байторӣ» ва «соҳаи байторӣ»-ро ҳаммаъно истифода намуда, маънои онро нисбат ба маънои этимологии истилоҳи байторӣ ба таври васеъ инъикос намуда, вазифаҳои онро гуногун, аз қабили ҳифзи саломатии ҳайвонот, омӯзиши беморӣ ва захролудшавии ҳайвонот, ташхис, табобати ҳайвоноти бемор ва барҳам задани манбаи бемории он, таъмини мутобиқати объектҳои таҳти назорати давлатии байторӣ қарордошта, инчунин ҳифзи аҳолӣ аз бемориҳои барои ҳайвонот ва инсон умумӣ ва ғайра муқаррар намудааст. У ба хулоса меояд, ки аз мафҳуми соҳаи байторӣ ду унсури муҳимми ин соҳаро ҷудо намудан мумкин аст, ки якум, ҳамчун доираи дониши махсуси илмӣ ва дуюм ҳамчун фаъолияти амалӣ будани соҳаи байторӣ, ки ин фаъолияти байторӣ мебошад (саҳ. 25-26).

2. Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки хизматрасонии байторӣ бояд ба ду маъно фаҳмида шавад, аввалан, ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ ва дувум, ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ. Хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ бахши алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқи маданиро дар бар мегирад, ки дар он хизматрасонии байторӣ барои қонеъnamoии эҳтиёҷоти шахсоне, ки ба ин хизмат ниёз доранд, нигаронида шудааст. Хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ин амал ё фаъолияти иҷрокунанда (ташкилоти байторӣ ё

байтор) мебошад, ки хизмати байториро ба фармоишгари он дар намуд ва ҳаҷми муайян мерасонад (саҳ. 50).

Диссертант ба инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байтори дар марҳилаҳои гуногуни таърихи диққати махсус дода, қайд менамояд, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ бояд даврабанди карда шавад. Дар даврабандии қонунгузории байторӣ диққати асосӣ ба хусусияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои марбут ба хизматрасонии байториро танзим менамуданд, дода шавад. Азбаски дар ташаккули худ асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ тули даҳсола ва баъзан садсолаҳо ба тағйироти ҷиддӣ дучор нагардидааст, бинобар ин мо тамоми даврai тулонии таърихро чун як давра номбар намудем. Вобаста ба ин асос ташаккули асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байториро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба се давра ҷудо намудан мумкин аст: – давраи аввал аз дунёи қадим то замони шуравӣ; – давраи дуюм замони шуравӣ; – давраи сеюм замони муосир (саҳ. 56).

Муалиф қайд менамояд, ки мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ – «хизматрасонии байторӣ» мебошад, ки дар содир намудани амали муайян ва ё иҷронамоии фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, бахри пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст (саҳ. 99).

Муаллиф андеша дорад, ки мухлат дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ давомияти вақте мебошад, ки дар доираи он бояд тарафҳои шартнома уҳдадориҳои базиммагирифтаашонро ба таври дахлдор иҷро намоянд. У ба хулоса меояд, ки дар сурати мавҷуд набудани муҳлат дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ иҷрокунанда уҳдадор аст дар мухлати оқилонаи баъди бастани шартнома, уҳдадорияшро иҷро намояд (саҳ. 101).

Ҳамзамон, муаллиф хулоса менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ – ин чораи ҷавобгарии ҳуқуқие мебошад, ки ба ҳуқуқвайронкунанда уҳдадории иловагии молумулкиро мегузорад. Асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои ин шартнома ҳуқуқвайронкунии маданӣ буда дар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои ба зиммаи тарафҳои шартнома гузошташуда ифода меёбад. Аммо ҳуқуқвайронкунӣ ягона асоси бавуҷудоии ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ набуда, барои ба вуҷуд омадани чунин ҷавобгарӣ ба таркиби он диққати асосӣ дода шавад. Таркиби ҳуқуқвайронкунии маданӣ чор шартро дар бар мегирад, ки ин мавҷуд будани кирдори зиддиҳуқуқӣ, мавҷуд будани зиён, мавҷудияти

робитаи сababӣ байни кирдори зиддиҳуқуқӣ ва зиёни расонида ва мавҷудияти гуноҳ мебошад. Истисно мавҷуд аст, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, инчунин соҳибкорои инфиродие, ки фаъолияти байториро амали менамоянд ва дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ба сифати иҷрокунанда иштирок менамоянд дар ҳолати мавҷуд набудани гуноҳ низ ҷавобгар мебошад (саҳ.156).

Дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ шаклҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, аз қабили ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва пардохти ноустуворона, татбиқ карда мешавад. Ҳар яке аз ин шаклҳои ҷавобгарӣ дар ин шартнома хусусияти татбиқи худро доранд. Ҷуброни зиён ҳамчун уҳдадории иловагии муҷозотӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мешавад. Товони зарари маънавӣ дар ин шартнома ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки ба сифати фармоишгар шахсе иштирок намояд, ки мақоми ҳуқуқии истеъмолкунандаро дорад. Ноустуворона низ метавонад дар шартномаи мазкур васеъ татбиқ шавад. Ин шаклҳои ҷавобгарӣ барои таъмини волоияти қонун ва ҳимояи манфиатҳои қонунии иҷрокунанда ва фармоишгар равона гардидаанд (саҳ.169-170).

Дар умум метавон хулоса намуд, ки довталаб мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташударо оид ба танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ аз нуқтаи назари амалӣ ва назариявӣ дуруст таҳлил намуда, андешаҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқи маданӣ аҳамияти бузурги назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқот оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст омада, барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ ва илм истифода карда мешаванд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки

хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он зикргардида метавонанд барои ҳалли муамоҳои дар ин ҷода ҷойдошта мусоидат намоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, ки тағйиру иловаҳои ба муқаррароти қонунгузории соҳавии байторӣ пешниҳодгарида ва хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати такмили қонунгузории ҷумҳурӣ вобаста ба танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ истифода намуд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсиони мазкур манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизматрасонии музднoки байторӣ метавонанд дар омода намудани китоби дарсӣ ё васоити таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи мадани ва ҳуқуқи соҳибкорӣ, инчунин ҷараёни таълими илмҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи шартномавӣ ва навиштани рисола ва мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои дипломию магистрӣ ва дигар корҳои таҳқиқотию илмӣ истифода гарданд.

Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:

1. Дар навгонии якум довталаб асоснок намудааст, ки дар ҳуқуқи мадании муосир хизматрасонии байторӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: Хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ бахши алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқи маданиро дар бар мегирад, ки дар он хизматрасонии байторӣ барои қонеъниамоии эҳтиёҷоти шахсоне, ки ба ин хизмат ниёз доранд, нигаронида шудааст. Хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ ин амал ё фаъолияти иҷрокунанда (ташкилоти байторӣ ё байтор) мебошад, ки хизмати байториро ба фармоишгари он дар намуд ва ҳаҷми муайян мерасонад.

2. Дар навгонии дуюм бошад, муаллиф исбот намудааст, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти байторӣ мебошад, ки аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст. Бо мақсади дарки дурусти раванди инкишофи таърихии масоили баррасишаванда асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ вобаста бо марҳилаҳои гуногуни таърихӣ даврабандӣ гардидаанд. Хусусиятҳои хоси даврaҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар ҶТ ба шароитҳои мушаххаси таърихӣ ва хусусиятҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои марбут ба хизматрасонии байториро дар ин даврaҳо танзим намудаанд, алоқамандӣ доранд.

3. Дар навгонии сеюм довталаб ташаккули асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байториро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба се давра ҷудо намудааст:

а) давраи аввал аз дунёи қадим то замони шуравӣ, ки дар он асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ мукаммал ва ягона набуда, дар шакли пароканда ҷой дошта, таркиби асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ аз одатҳо ва китобҳои муқаддас иборат буд;

б) давраи дуюм – давраи шуравӣ. Ин давра аз ғалабаи Инқилоби Октябр, яъне аз таъсиси ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон оғоз шуда, то таназзули онро дар бар мегирад. Дар ин давра асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байтории мукаммал ва ягона ба вуҷуд омад. Таркиби асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байтории ин давра аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ иборат буд;

в) давраи сеюм – давраи муосир, ки аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ оғоз шуда, замони муосирро дар бар мегирад. Дар ин давра хизматрасонии байторӣ тавассути қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ танзим карда шуда, асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти хусусии байторӣ инкишоф ёфта истодааст.

4. Дар навгонии чорум муаллиф мафҳуми шартномаи хизматрасонии музднокро чунин пешниҳод намудааст: Тибқи шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) уҳдадор мешавад, ки хизмати байториро дар ҳаҷм, сифати муқарраршуда ва намуди муайяншуда расонад ва фармоишгар (шахси ба хизмати байторӣ эҳтиёҷдошта) уҳдадор мешавад, ки барои расонидани хизмат мусоидат намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома музди хизматро пардохт намояд.

5. Дар навгонии панҷум муаллиф пешниҳод менамояд, ки бинобар бештар ҳолат дар шакли хаттии одӣ, аз ҷумла дар шакли додани чеки хазинавӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои намунаашон муқарраршуда баста шудани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва дар он муқаррар нагардидани ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворона хизматрасонӣ аз ҷониби иҷрокунанда ба таври дахлдор иҷро намегардад. Бинобар ин зарур аст, ки барои иҷро накардан ва ё ба таври ғайридахлдор иҷро кардани ин шартнома ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворонаи қонунӣ муқаррар карда шавад.

6. Дар тавсияи амалии муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» истилоҳи «бамузд» ба истилоҳи «музднок» иваз карда шавад.

7. Ҳамзамон, муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» чунин сархати нав илова карда шаванд:

– хизматрасонии муздноки байторӣ – ин фаъолияти касбии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродии дар соҳаи байторӣ амалкунанда мебошад, ки ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ хизматро дар соҳаи байторӣ музднок дар намуд ва ҳаҷми муайян мерасонанд.

8. Инчунин, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади дар соҳаи байторӣ ворид намудани механизми муосири бозоргонӣ ва ташкили шароити мусоид барои дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасонии байторӣ, таъмини танзими ҳуқуқии фаъолияти хусусии байторӣ, инчунин пурзӯр намудани талабот нисбат ба сифати хизматрасонии байторӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ», боби алоҳида бо номи «Фаъолияти хусусии байторӣ» илова карда шавад.

9. Дар баробари ин, аз ҷониби муаллиф пешниҳод намудани масъалаи дар таҳрири нав қабул намудани Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади пурра ва низомнок танзим намудани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, ки ба сифати фармоишгар истеъмолкунанда иштирок менамояд ва ба Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мутобиқ намудани он асоснок гардидааст, қобили қабул мебошад.

10. Ҳамзамон, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66, чунин тағйиру иловаҳоро пешниҳод менамоем:

а) дар ном ва матни он истилоҳи «бамузд» ба истилоҳи «музднок» иваз карда шавад.

б) Дар банди 5 он чунин сархатҳо илова карда шаванд:

Иҷрокунанда уҳдадор аст:

– усулҳоеро ҳангоми пешгирӣ, ташхис ва табобат истифода барад, ки таъсири манфиро ба ҳайвонот истисно менамояд;

– дар фаъолияти худ маводҳои байторӣ ва доруворӣро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, истифода баранд.

в). Дар банди 6 он чунин сархат илова карда шаванд:

– дастурҳои иҷрокунандаро оид ба нигоҳубини ҳайвонот пас аз ба охир расидани хизматрасонии байторӣ риоя кунад ва нигоҳубину ғизохӯрии ҳайвоноти беморро мувофиқи талаботҳои зоогигиенӣ таъмин намояд.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, сазовор ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илми баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:**

1. Дар доираи зербоби як боби як рисола муаллиф ба масъалаи фаъолияти соҳибкории байторӣ дахл намуда мафҳуми онро бо истифода аз ақидаҳои олимани ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил менамояд. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории байторӣ яке аз масъалаҳои ҳануз таҳлил нашуда мебошад. Аммо дар доираи рисола муаллиф ба ин масъала таваҷуҳи ҷиди накардааст. Хуб мебуд ба ин масъала зербоби алоҳида бахшида мешуд, ки мазмуни рисоларо ғанӣ ва барои ҳалли мушкилотҳои дар ин соҳа ҷойдошта мусоидат менамуд.

2. Дар зербоби сеюми боби дуюми рисолла муаллиф қайд намудааст, ки «нисбат ба шакли бастани шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ қоидаҳои шакли бастани шартномаи паймонкории маишӣ, ки дар м.806 КМ ҶТ муқаррар шудаанд, татбиқ карда мешаванд. Дар Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, № 66, пешбинӣ шудааст, ки хизматҳои музднокии байторӣ аз ҷониби иҷрокунанда дар асоси бастани шартнома, барасмиятдарории хизматрасонии мизоҷӣ ё додани жетон, купон, чеки хазинавӣ, квитансия ё дигар ҳуҷҷатҳои намунаашон муқарраршуда анҷом дода мешавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки қонунгузориии ҶТ шакли хаттии одии бастани шартномаи хизматрасонии музднокии байториро талаб менамояд» (саҳ.123).

Дар таҳлили ин масала муаллифи рисола танҳо шакли бастаи шартномаи хизматрасонии музднокии байториро, ки ба сифати фармоишгар-шахие иштирок менамояд, ки мақоми истеъмолкунандаро дорад. Дар доираи рисола шакли бастани шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ, ки ба сифати фармоишгар шахие иштирок менамояд, ки мақоми истеъмолкунандаро надорад, таҳлил карда нашудааст.

3. Муаллифи рисолаи илмӣ дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ аввалан пешниҳод менамояд, ки бо мақсади пурра ва низомнок танзим намудани шартномаи хизматрасонии музднокии байторӣ, ки ба сифати фармоишгар истеъмолкунанда иштирок менамояд Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66, дар таҳрири нав қабул карда шавад ва боз ба ҳамин санади меъёрӣ-ҳуқуқии зерқонунӣ ворид намудани тағйиру иловаҳоро пешниҳод менамоем, ки ҳолати мазкур нофаҳмоии мантиқиро ба миён меорад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳолати мазкурро шарҳ диҳад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад.** Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар семинар иштирок доштанд 13 нафар: тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №2 аз «27» августи соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобоев Ҷамрод Қурбонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 13 нафар:

тарафдор - 13 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра тахти №1 аз «28» августи соли 2024.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

**Ташхисгар:** мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент ________ Бобоев Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
асисстенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Дустов С.А.

Имзои Оралбаев Х.Х., Бобоев Ҷ.Қ.,
ва Дустов С.А. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иктисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Донишгбҳӣ давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел: 231-08-43, 227-30-75 (факс), E-mail: tgfeu@tgfeu.tj